«Тасдиқ мекунам»
Ректори МД «Донишкадаи байналмилалии
Хуҷанд»-и МД «ДБССТ»,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_____________ Бахтиёр Маҳмадалӣ
«___»________ соли 2026

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Ҷамолиддинов Суҳроб Рустамҷонович дар мавзуи «Асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.1. – Назарияи иқтисодӣ**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**

Диссертатсияи Ҷамолиддинов Суҳроб Рустамҷонович, ки дар мавзуи «Асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» омода карда шудааст, воқеан ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.1. – Назарияи иқтисодӣ: б. 1.1. - Иқтисоди сиёсӣ: сохтор ва қонунияти рушди муносибатҳои иқтисодӣ; манфиатҳои иқтисодӣ; ташаккул ва амалкарди сохтору институтҳои иқтисодӣ; назарияи бахши хусусӣ дар иқтисодиёт; б. 1.2. - Назарияи микроиқтисод: назарияи талаботи истеъмолӣ; назарияи ташкили бозорҳо; назарияи рақобат ва танзими зиддиинҳисорӣ; 1.4. - Назарияи иқтисодии ниҳодӣ ва таҳаввулотӣ: назарияи таҳаввулотии пешравии иқтисодӣ, мувофиқат менамояд.

**2. Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Дар шароити муосири ҷаҳонишавии иқтисодӣ, густариши муносибатҳои бозорӣ, афзоиши рақобати байни истеҳсолкунандагони ватанӣ ва воридшавии молҳои хориҷӣ ба бозори дохилӣ, мавҷудияти муҳити солими рақобатӣ ҳамчун шарти муҳимми рушди устувори иқтисодиёти миллӣ баромад менамояд. Дар диссертатсия дуруст таъкид шудааст, ки рушди устувори иқтисоди миллӣ бе ташаккули муҳити рақобатии солим ва бозори пурқуввати истеъмолӣ ғайриимкон мебошад.

Мубрамияти мавзуъ, пеш аз ҳама, бо аҳаммияти стратегии бозори молҳои истеъмолӣ дар таъмини талаботи аҳолӣ, рушди соҳибкорӣ, васеъ намудани истеҳсолоти ватанӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор муайян мегардад. Рақобати самаранок истеҳсолкунандагонро ба баланд бардоштани сифати молу хизматрасонӣ, истифодаи технологияҳои муосир, ҷорӣ намудани навовариҳо, оптимизатсияи хароҷот ва такмили сиёсати нархгузорӣ ҳавасманд менамояд.

Ҷанбаи дигари мубрамияти таҳқиқот ба вазъи воқеии бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд мебошад. Тибқи таҳлили дар диссертатсия анҷомдодашуда, рақобат дар бозори мазкур ҳанӯз пурра

ташаккул наёфта, вобастагӣ аз воридоти молҳо, мавҷудияти унсурҳои монополӣ, норасоии инфрасохтори муосири бозорӣ, сатҳи пасти инноватсия ва дигар маҳдудиятҳо ба рушди рақобати самаранок таъсири манфӣ мерасонанд.

Дар чунин шароит, масъалаи муайян намудани омилҳои ташаккул ва рушди рақобат, арзёбии сатҳи рақобатпазирии бозори молҳои истеъмолӣ, таҳқиқи омилҳои боздоранда ва мусоидаткунандаи рушди рақобат, инчунин коркарди механизмҳои самараноки танзими давлатии муносибатҳои рақобатӣ аҳаммияти махсус пайдо менамояд.

Ҳузури васеи молҳои воридотӣ дар бозори дохилӣ истеҳсолкунандагони маҳаллиро водор месозад, ки сифати маҳсулот, самаранокии истеҳсолот, технология ва стратегияҳои рақобатии худро такмил диҳанд. Аз ин рӯ, рушди рақобати солим метавонад ҳамчун воситаи муҳими ҳавасмандгардонии истеҳсолоти миллӣ, васеъ намудани пешниҳоди молҳои ватанӣ ва коҳиш додани вобастагии бозори дохилӣ аз воридот хизмат намояд. Дар диссертатсия зарурати зиёд намудани истеҳсоли молҳои ватанӣ барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ махсус таъкид шудааст.

Ҷанбаи муҳими дигари мубрамияти таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки рақобат танҳо воситаи мубориаи субъектҳои хоҷагидор барои мавқеи бозорӣ набуда, балки механизми муҳими самаранок истифода намудани захираҳо, баланд бардоштани сифати маҳсулот, беҳтар намудани хизматрасонӣ ва ҳавасмандгардонии рушди инноватсионӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, таҳкими рақобатпазирии маҳсулот ва хизматрасонӣ барои рушди механизми бозорӣ, оптимизатсияи нархҳо ва қонеъ намудани талаботи истеъмолкунандагон аҳаммияти муҳим дорад.

Мавзуи интихобшуда ба самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мутобиқат менамояд. Диссертатсия бо «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва вазифаҳои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, самаранокӣ ва гуногуншаклии бахши воқеии иқтисодиёт робитаи мустақим дошта, инчунин ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳимояи рақобат мутобиқат мекунад.

Таҳқиқот собит месозад, ки бо вуҷуди мавҷудияти таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба рақобат, як қатор масъалаҳои марбут ба таҳаввули назарияи рақобат, танзими давлатии муносибатҳои рақобатӣ, арзёбии сатҳи рақобат, муайян намудани омилҳои таъсиррасон ва коркарди самтҳои баланд бардоштани рақобатпазирии бозори молҳои истеъмолӣ ҳанӯз ба таври кофӣ ва ҳамаҷониба таҳқиқ нашудаанд.

Аз ин рӯ, метавон хулоса намуд, ки интихоби мавзуи диссертатсионӣ аз ҷониби Ҷамолиддинов С.Р. саривақтӣ ва асоснок буда, ба ҳалли масъалаҳои муҳими назариявию методологӣ ва амалии рушди рақобат дар бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар такмили сиёсати давлатӣ оид ба рушди рақобат, дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот ва ташаккули муҳити мусоиди рақобатӣ дар бозори дохилӣ истифода шаванд.

Бо дарназардошти аҳаммияти иқтисодию иҷтимоии бозори молҳои истеъмолӣ, зарурати таҳкими рақобати солим, баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва такмили механизмҳои танзими давлатии рақобат, мавзуи диссертатсияи Ҷамолиддинов Суҳроб Рустамҷоновичро мубрам, саривақтӣ ва дорои аҳаммияти назариявию амалии муҳим барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ кардан мумкин аст.

**3. Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо)**

**Аз нигоҳи мо, унсурҳои навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки муаммоҳои илмии аз тарафи муҳаққиқ гузошташударо хеле саҳеҳ тавсия медиҳанд, чунинанд:**

- консепсияи назариявии муносибатҳои рақобатӣ низомбандӣ шуда, дар заминаи он асоснок гардидааст, ки дар шароити муосири рушди иқтисодӣ, рақобати ғайринархӣ тадриҷан ба омили асосии танзимкунанда ва муайянкунандаи самаранокии фаъолияти бозори молҳои истеъмолӣ табдил меёбад, ки ба такмили сифати мол ва хизматрасонии баъди фурӯш асос ёфтааст. Асосҳои назариявии танзими давлатии рақобат муайян ва асоснок карда шуда, зарурат ва ҳадафмандии танзими давлатии бозори истеъмолӣ дар сегменти маҳсулоти озуқаворӣи иқтисодиёти ватанӣ исбот карда шудааст, ки он ба масоили рӯзмарраи ҳалталаб асоснок карда мешавад. Инкишоф ёфтани бахши ғайрирасмӣ, самарабахшии пасти амали институти ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, ҳамкории ғайриқаноатбахши намояндагони бизнес дар бахши истеъмолӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳамчунин бо мақомоти давлатӣ, зиёд будани ҳиссаи табақаи аҳолӣ бо пардохтпазирии паст аз он ҷумлаи он аст.
- тамоюлоти муосир ва хусусиятҳои рушди бозори молҳои истеъмолӣ дар шароити амиқрафти муносибатҳои рақобатӣ муайян карда шуданд. Масоили рушди бозори ватании молҳои истеъмолӣ аз рӯйи се муносибати меъёрӣ низомбандӣ шудаанд. Аз ҷумла, аз рӯйи муносибати институтсионалӣ: такмил наёфтани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки бахши пинҳониро дар бозор танзим мекунанд, огоҳӣ надоштан дар бораи тағйироти рушди бозор, набудани стратегияи савдо дар ин самт; муносибати соҳавӣ: суръати сусти афзоиши савдои яклухт, сатҳи пасти ҳамкории байни сохтори хусусӣ ва давлатӣ, набудани тафриқаи бозори истеъмолӣ; муносибати инфрасохторӣ: ба стандартҳои ҷаҳонӣ мувофиқ набудани принсипҳои ташкили савдо, нокифоягӣ ва сатҳи пасти инфрасохтори нигоҳдории мол, технологияи қафомондаи савдо.
- асоснок карда шудааст, ки шиддатнокии рақобатро дар бозори серсоҳаи молҳои истеъмолӣ омилҳои зиёди боздоранда ва мусоидаткунанда муайян менамоянд. Ба омилҳои боздоранда мансубанд: дар мамлакат бозори молҳои истеъмолӣ бо соҳаи кишоварзӣ зич алоқаманд аст, ки он хусусияти майдамолӣ дошта, хароҷоти соҳа баланду сатҳи даромаднокӣ паст аст; раванди истеҳсоли молҳо стандартӣ амалӣ мегардад; шумораи зиёди субъектҳои иқтисодӣ дар шакли ғайримарказонидашуда фаъолият мекунанд, ки ин хусусият аз набудани самараи миқёс (эффект масштаба) шаҳодат медиҳад; имиҷи тамғаи савдо паст мебошад; стратегияи маркетингӣ вуҷуд надорад; таъсири давлатии инвеститсионӣ, маъмурӣ, андозӣ, беруниқтисодӣ ба субъектҳо вуҷуд дорад,

ки шиддатнокии рақобатро дар соҳа коҳиш медиҳад. Ба омилҳои мусоидаткунанда мансубанд: афзоиши талабот ба молҳои истеъмолӣ, музди меҳнати миёна, хароҷоти аҳолӣ, афзоиши ҳаҷми хизматҳои пулакӣ.

- афзалиятҳоро дар рушди бозори молҳои истеъмолӣ таҳия намуда, пешниҳодоти зерин оид ба баланд бардоштани бартариҳои рақобатӣ асоснок гардидаанд: ташаккули муҳити мусоиди рақобат барои фаъолияти хоҷагидории бизнес-сохторҳо; ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагони маҳаллӣ, ки ба бозор моли хушсифатро пешниҳод мекунанд; ба вуҷуд овардани инфрасохтори мувофиқ; дар бозори молҳои истеъмолӣ ҷорӣ намудани навгониҳои технологӣ, ҷараёнҳои инноватсионӣ ва маҳсулотҳои нав.

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсияи Ҷамолиддинов Сухроб Рустамҷонович дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, ба рушди назарияи рақобат, такмили механизмҳои ташаккули муҳити рақобатӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудаанд, ки навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалиро инъикос менамоянд, чунинанд:

1. Муаллиф таҳаввули назарияи рақобатро таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки дар марҳилаҳои гуногуни рушди илми иқтисодӣ мазмун ва шакли илмии рақобат тағйир ёфта, методологияи таҳқиқи он аз равишҳои классикӣ ба равишҳои муосири институтсионалӣ ва системавии таҳлили бозор гузаштааст. Дар натиҷа, рақобат ҳамчун механизми таъмини самаранокии иқтисодӣ ва ташаккули муҳити устувор ва инноватсионӣ баррасӣ шудааст. Навгонии ин натиҷа дар ба назар гирифтани таъсири мутақобилаи омилҳои иқтисодӣ, сиёсати давлатӣ, сохтори ҳуқуқӣ, танзими институтсионалӣ ва фарҳанги иқтисодӣ ба муҳити рақобатӣ ифода меёбад. Натиҷаи мазкур заминаи назариявию методологии омӯзиши рақобатро дар шароити иқтисодиёти миллӣ такмил медиҳад. Муқаррароти он метавонад ҳангоми таҳияи сиёсати иқтисодӣ ва рақобатӣ, инчунин дар раванди таҳлили вазъи бозор истифода шавад.

Панҷ марҳилаи асосии ташаккул ва рушди назарияи рақобат муайян карда шуда, хусусиятҳои тағйирёбии муносибатҳои назариявӣ ба рақобат дар раванди рушди муносибатҳои иқтисодӣ нишон дода шудаанд. Ин натиҷа имкон медиҳад, ки рақобат ҳамчун падидаи таърихию иқтисодӣ ва институти таҳаввулёбандаи бозор арзёбӣ карда шавад.

2. Муаллиф бо таҳлили вазъи бозори молҳои истеъмолӣ нишон медиҳад, ки рақобат дар бозори мазкур ҳанӯз пурра ташаккул наёфта, унсурҳои монополӣ ва вобастагӣ аз воридот мавҷуданд. Ҳамзамон, хусусияти олигополии баъзе сегментҳои бозор ва таъсири таҳвилгарони калон ба нарх ва ҳаҷми таҳвили молҳо муайян карда шудааст. Натиҷаи таҳқиқот метавонад хусусиятҳои сохтории муҳити рақобатии бозори истеъмолии Тоҷикистонро мушаххас намояд ва барои таҳияи чораҳои рушди рақобати солим, ҳимояи манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ ва такмили сиёсати зиддиинҳисорӣ истифода шавад.

Дар таҳқиқот хусусияти дутарафаи ивазкунандаҳои маҳсулот муайян гардида, таъсири ҳукмфармоии молҳои зарурати аввалини воридотӣ ба

шиддатнокии рақобат ва сатҳи рақобатпазирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ асоснок карда шудааст. Муносибати мазкур фаҳмиши таъсири сохтори пешниҳоди бозорро ба муҳити рақобатӣ васеъ менамояд ва метавонад барои асоснок намудани тадбирҳои зиёд намудани истеҳсоли молҳои ватанӣ ва коҳиш додани вобастагии бозори дохилӣ аз воридот истифода гардад.

3. Муаллиф ҷанбаи сифатии рақобатро ҳамчун маҷмуи хусусиятҳои сифатии мол муайян намуда, онро бо қобилияти қонеъ гардонидани талаботи мушаххаси истеъмолкунанда алоқаманд менамояд. Муносибати мазкур имконият медиҳад, ки рақобат на танҳо аз рӯйи нишондиҳандаҳои нарх ва ҳаҷми пешниҳод, балки аз рӯйи сифати маҳсулот ва мутобиқати он ба талаботи истеъмолкунанда арзёбӣ карда шавад. Истифодаи он метавонад ба баланд бардоштани сифати молу хизматрасонӣ, рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ва қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ мусоидат намояд.

4. Яке аз самтҳои муҳими натиҷаҳои диссертатсия таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили сиёсати давлатӣ дар самти рушди рақобат, дастгирии субъектҳои бозор ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ мебошад. Навгонии умумии таҳқиқот маҳз дар ғанӣ гардонидани назарияи рақобати бозори молҳои истеъмолӣ, такмили сиёсати самараноки давлатӣ ва таҳияи тавсияҳо барои таҳкими мавқеи молҳои ватанӣ ифода ёфтааст. Натиҷаҳо барои рушди асосҳои назариявию методологии танзими рақобат аҳамияти муҳим доранд ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳангоми таҳияи чораҳои рушди рақобат истифода шаванд.

Самтҳои мушаххаси рушди соҳибкорӣ, ҳавасмандгардонии истеҳсолот, рушди деҳот, ҳимояи бозори дохилии маҳсулоти кишоварзӣ, маҳдуд намудани таъсири тарифҳои монополияи табиӣ ва ташаккули сиёсати давлатӣ оид ба баланд бардоштани рақобатнокӣ пешниҳод шудаанд. Татбиқи чунин чораҳо метавонад барои ташаккули муҳити рақобатии фаъол, дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии субъектҳои бозор мусоидат намояд.

Ҳамин тариқ, навгонии илмии диссертатсияро метавон дар таҳияи маҷмуи муқаррароти назариявӣ, методологӣ ва амалии марбут ба ташаккул ва рушди рақобат дар бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намуд. Натиҷаҳои бадастомада хусусияти илмӣ ва амалӣ дошта, барои такмили муносибатҳои рақобатӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва самаранокии фаъолияти субъектҳои бозори молҳои истеъмолӣ аҳаммияти муҳим доранд. Аз ин рӯ, нуктаҳои илмии пешниҳодшуда барои ҳимоя аз ҷиҳати мазмун ва натиҷаҳои бадастомада асоснок ва қобили қабул арзёбӣ мегарданд.

## 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсияи зикршуда

Натиҷаҳои мушаххаси таҳқиқоти диссертасионии муҳаққиқ Ҷамолиддинов Сухроб Рустамҷонович боиси он мегардад, ки бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумотҳо, кифоягии маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва

тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос меёбанд.

Ҳамчунин, таҳлили нишондиҳандаҳои соҳавӣ бо сарчашмаҳои дақиқи соҳа асоснок гардидаанд, ки ифодаи онро дар матни диссертатсия мушоҳида намудан мумкин аст.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Аҳамияти илмии таҳқиқот дар рушди муқарраротӣ назариявии рақобати иқтисодӣ, муайян намудани хусусиятҳои рақобат дар бозори соҳавӣ ва асоснок намудани нақши муҳити рақобатӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ ифода меёбад. Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар имконияти истифода намудани хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф ҳангоми таҳияи чораҳои рушди бозори молҳои истеъмолӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ, такмили сиёсати иқтисодии давлат ва ташаккули муҳити рақобатии мусоид зоҳир мегардад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд аз ҷониби мақомоти давлатӣ, субъектҳои хоҷагидор, истеҳсолкунандагони молҳои истеъмолӣ ва дигар иштирокчиёни бозор ҳангоми таҳияи стратегия ва барномаҳои рушди фаъолияти иқтисодӣ истифода шаванд. Аз ҷиҳати иқтисодӣ, татбиқи пешниҳодҳои таҳқиқот метавонад ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои бозор, рушди истеҳсолоти ватанӣ, беҳтар намудани сифати молҳои истеъмолӣ ва тақвияти мавқеи истеҳсолкунандагони миллӣ дар бозори дохилӣ мусоидат намояд. Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот дар беҳтар намудани таъминоти бозори дохилӣ бо молҳои истеъмолӣ, васеъ намудани интихоби истеъмолкунандагон, баланд бардоштани сифати молҳо ва ташаккули муҳити рақобатии ба манфиати истеъмолкунандагон равонашуда ифода меёбад.

Муқарраротӣ назариявӣ ва амалии пешниҳод дар диссертатсия метавонанд дар раванди омӯзиши фанҳои назарияи иқтисод, микроиқтисод, иқтисодиёти савдо ва хӯроки омма, менеҷменти стратегӣ, идоракунии рақобатпазирии корхонаҳо истифода шаванд.

Муқарраротӣ асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ – амалӣ ва илмӣ – назариявӣ, семинарҳои илмии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва конференсияҳои байналмилалӣ таи солҳои 2021–2024 маъруза шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**

Кулли марҳилаҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ, ба монанди таҳияи мавзуъ, асоснокунӣ ва мубрамияти он, мақсадгузорӣ ва иҷрои вазифаҳои он, омӯзиш ва ҷамъбасти асосҳои назариявии рақобат, таҳлили хусусиятҳои ташаккули рақобат дар бозорҳои соҳавии иқтисодиёти миллӣ ва таҳқиқи вазъи бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсан аз ҷониби муаллиф гузаронида шудааст.

Инчунин, муаллиф омилҳои асосии таъсиррасон ба ташаккули муҳити рақобатиро муайян намуда, хусусиятҳои рақобати субъектҳои бозори молҳои истеъмолиро таҳлил ва мушкилоти асосии рушди рақобати самаранокро ошкор кардааст. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳодҳои илмӣ ва амалӣ тавсия гардидаанд, ки метавонанд ба такмили муҳити рақобатӣ ва баланд

бардоштани рақобатпазирии субъектҳои бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам оваранд.

**5. Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ (2012-2024) муҳокима шудаанд. Аз ҷумла, дар конфронсҳои байналмилалии илмӣ-амалӣ (Механизмҳои самараноки рушди инноватсионӣ ва технологии ҷомеаи муосир (4-5 декабри соли 2012). Украина, Житомир: Донишгоҳи давлатии технологии Житомир; Рушди инсон ҳамчун омили пойдории минтақа (11-12 марти соли 2013). Тоҷикистон, Хуҷанд: Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон; Тиҷорати шабакавӣ ва тиҷорати дохилии Украина ва кишварҳои ИДМ (15-16 апрели соли 2015). Украина, Полтава: ПУЭТ), конфронсҳои ҷумҳуриявӣ (Баланд бардоштани эътимоднокӣ ва истифодаи техникаи кишоварзӣ дар соҳаи комплексии агросаноатӣ (2022). Тоҷикистон, Душанбе: Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур; Масъалаҳои мубрами истифодаи энергияи сабз ва мошин-олотҳои энергиясарфкунанда дар шароити соҳаи механиконии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (04 ноябри соли 2023). Тоҷикистон, Душанбе: Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур), мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**6. Мазмуни кори диссертатсионӣ.** Вобаста ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот сохтор ва мундариҷаи диссертатсия муайян карда шуд. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, зербобҳо, хулоса, расму ҷадвалҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар муқаддима мубрамият, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок гардида, ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян карда шуда, муҳимтарин натиҷаҳои илмӣ ва навгонии кори диссертатсионӣ оварда ва кушода дода шудааст.

Инчунин, саҳми муаллиф дар таҳқиқот, тавсиф ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия муайян карда шудааст (саҳ. 4-16).

**Дар боби аввал - «Асосҳои назариявии таҳқиқоти муносибатҳои рақобатӣ»** асосҳои назариявии инкишофи рақобат дар илми иқтисодӣ, ҷанбаҳои консептуалии танзими давлатии рақобат, баҳои стратегии ташаккули муносибатҳои рақобатпазир дар бозори молҳои истеъмолӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст (саҳ. 16-71).

**Дар зербоби 1.1**-и диссертатсия унвонҷӯ иброз медорад, ки рақобат ҳамчун падидаи иҷтимоию иқтисодӣ бо табиати иҷтимоии инсон алоқамандии ногусастанӣ дошта, бо истифода аз ин истилоҳ метавон дараҷаи рушди имрӯзаи бозорро ҳам дар кишвар ва ҳам дар соҳаҳои алоҳидаи он арзёбӣ кард. Рақобат ба муносибатҳои бозории ҷомеаи муосир ворид шуда ҳар қадаре, ки мақоми он афзояд, сатҳи рушди соҳа баландтар мешавад (саҳ.16). Дар ин радиф андешаи муаллифро мо низ тарафдори менамоем. Зеро дар натиҷаи афзоиши фазои рақобат сифати хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагон низ баланд гардида сиёсати нархӣ ба харидорон дастрас мегардад.

Бо мақсади муайян кардани хусусиятҳои моҳияти рақобат, муаллиф муқаррароти асосӣ ва самтҳои афкори иқтисодиро, ки ба ташаккул ва рушди назарияи рақобат таъсири калон расондаанд, ошкор намуд. Бо назардошти

равандҳои ҷаҳонишавӣ, дар таҳқиқи падидаи рақобат тағйирот дар самт ва афзалиятҳои илмӣ ба амал омаданд, ки дар мадди аввал вазифаҳои муайян, аз ҷумла: таҳлили афзалиятҳои рақобатӣ, ба мавқеи пешсаф баромадан, ташаккули стратегияҳои пешсафӣ аз рақибон ва ворид шудан ба бозорҳои нав, қарор гирифтаанд (саҳ. 36-37).

**Дар зербоби 1.2.** -и диссертатсия муҳаққиқ чунин иброз медорад, ки танзими давлатии рақобат бояд дар чаҳорчӯбаи васеътари таҳлил баррасӣ гардад. Онро танҳо чун татбиқи мустақими санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маҳдуд кардан нокифоя буда, зарур аст ба сифати низоми мукаммали таъсиррасонии давлатӣ арзёбӣ шавад. Ба андешаи муаллифи диссертатсия шакли асосии танзими бозорӣ, яъне рақобат боқӣ мемонад, шакли танзими давлатии рақобат бошад, бояд нақши самтгирии стратегиро дар дурнамои инкишофи бозор иҷро намояд (саҳ. 43-48).

**Дар зербоби 1.3.** муаллифи диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки дар шароити ҳукмфармоии муносибатҳои бозор дарёфти имкониятҳои нави рушд, таъмини афзалиятҳои рақобатӣ ва таҳкими мавқеи рақобатӣ барои субъектони хоҷагидорӣ аз ҷумлаи вазифаҳои стратегӣ ба шумор меравад. Муҳим он аст, ки монеаҳо заминаи бозорӣ дошта бошанд (саҳ. 54). Албатта, стратегияи ҳар субъекти хоҷагидорӣ ба андешаи мо бояд ба ду самт нигаронида шуда бошад: якум мавқеъгироии корхона ба зиёд намудани шумораи харидорон ва дуюм мавқеъгироии корхона дар бозори истеъмолӣ аз ҳисобӣ зиёд ва баланд намудани сифати хизматрасониҳо. Аз натиҷаи таҳқиқот муайян шуд, ки стратегияи рақобат чун механизими ҳаракатдиҳандаи иқтисодиёт эътироф карда шуда, раванди ҷустуҷӯйи мавқеъҳои навро дар бозор баррасӣ намуда, он маънои интихоби роҳеро дорад, ки аз роҳи дигарон фарққунанда аст.

Аз ҷониби муаллиф, барои истодагарӣ карда тавонистан дар бозори рақобат, махсусан дар бозори соҳавии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон вариантҳои стратегияи рақобат таҳия гардидаанд, ки ба фатҳи бозори молҳои истеъмолӣ имконият медиҳанд (саҳ. 71). Муаллиф муайян кардааст, ки барои ба даст овардани бартариҳои рақобатӣ дар бозор бояд ҳама стратегияҳо бо маврид истифода шаванд. Зеро, хусусияти умумӣ барои онҳо бунёди арзиш ва фоиданокии иловагии ҳар як мол ва хидмати пешниҳодшуда буда, ҳадаф таъмини самаранокии фаъолият аз устувории рақобатӣ дар бозор аст.

**Дар боби дуюм - «Арзёбии сатҳи рақобат дар сегменти бозори молҳои истеъмолӣ»** - вазъи умумии бозори молҳои истеъмолӣ дар шароити густариши муносибатҳои рақобатӣ таҳлил гардида, масоили вусъат ва инкишофи рақобат, ҷанбаҳои миқдорӣ ва сифатии он дар бозори молҳои истеъмолӣ таҳқиқ карда шудаанд (саҳ. 72-105).

**Дар зербоби 2.1.** муаллиф муайян кардааст, ки рушди бозори молҳои истеъмолӣ, дар навбати аввал, аз фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ вобаста аст, ки дар ҳаҷми умумии истеҳсолоти ватанӣ инъикос меёбад. Ба вазъи рақобат то чӣ андоза таъсир расонидани ММД ба ҳар сари аҳолӣ оварда шудааст, ки истифодаи самараноки захираҳои минтақавиро дар муқоиса бо дигар минтақаҳо инъикос намуда, сатҳи рақобатпазирии иқтисодии онҳоро ифода мекунад (саҳ. 75-76).

**Дар зербоби 2.2.** -и диссертатсия унвонҷӯ, махсусан қайд мекунад, ки афзоиши шумораи бозингарон ва объектҳои рақобат, коҳиш додани монеаҳо барои ворид шудан ба бозорҳои нав бо шарофати муттаҳидсозии инфрасохтори бозорӣ ва эҷоди қоидаҳои умумии бозӣ барои ҳама, ин маънои онро дорад, ки рақобат дар сатҳи бозори истеъмолӣ шиддат мегирад ва аз ин рӯ ба коҳиши фоида барои ҳамаи субъектҳои он оварда мерасонад (саҳ. 93-102).

**Дар зербоби 2.3.** -и диссертатсия қайд шудааст, ки дар Тоҷикистон бозори молҳои истеъмолӣ саҳми назаррас дар таъмини аҳолӣ бо молҳои зарурӣ ва шаклгирии нархҳо дорад. Бо назардошти аҳаммияти ин бозор, таҳқиқи ҷанбаҳои микдорӣ ва сифатии рақобат зарур мебошад, зеро дар шароити иқтисоди бозорӣ рақобат яке аз муҳаррикони асосии самаранокӣ ва рушди устувори кишвар ба ҳисоб меравад.

Тибқи ақидаи диссертант, истифодаи ҷанбаҳои микдории рақобат (тағйирёбии нарх ва арзиш, васеъ ё маҳдуд шудани дастрасӣ ба молҳо ва хидматҳо, рақобат байни ширкатҳо, пайдоиши бозигарони нав, афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ) бе маҳдуд нестанд, зеро дар фазои рақобат стратегияҳои нави ташкили истеҳсолот ва усулҳои кам кардани хароҷот (ҳатто навтарин бошанд ҳам) дастрасшавандаанд (саҳ. 106). Бинобар ин, дар шароити имрӯзаи рақобат ба инобат гирифтани ҷанбаҳои сифатӣ бартарият дошта, ба тағйир додани мол нигаронида шуда, дар такмили хусусиятҳои сифатии мол раванди бемаҳдуд мебошад (саҳ. 119). Ба маълумотҳои зербоби мазкур муаллифи диссертатсия такя намуда, қайд менамояд, ки дар бозори молҳои истеъмолии ватанӣ имконияти васеъ барои истифодаи дифференсиатсияи маҳсулот мавҷуд буда, он барои дар назари истеъмолкунанда ҷолибтар гардидан, таъмини беназирии маҳсулот, муайян кардани талаботи қонеънашудаи истеъмолкунандагон ва тарафҳои заифи рақибон мусоидат мекунад (саҳ. 121).

**Дар боби сеюм - «Самтҳои асосии баланд бардоштани рақобатпазирии бозори молҳои истеъмолӣ» -** тадбирҳо оид ба рушди стратегияи рақобат чун модели умумии фаъолият дар муҳити тағйирёбандаи бозор ва самтҳои афзалиятноки баланд бардоштани рақобатпазирии бозори соҳавӣ коркард ва тавсия гардидаанд (саҳ. 125-142).

**Дар зербоби 3.1.** -и диссертатсия муаллиф қайд мекунад, ки сатҳи рақобат дар бозори молҳои истеъмолии ҷумҳурӣ хусусияти заифӣ дошта, дар баъзе ҷойҳо набудани рақобат эҳсос мегардад ва ҳолати бозори истеъмолӣ ташаккули модели стратегияи рақобатро пешбинӣ мекунад, ки бояд ба рафъи сатҳи пасти рақобат мусоидат намояд. Муаллиф тарҳи модели стратегияи рақобатро таҳия мекунад (саҳ. 136).

Муаллиф дар зербоби мазкур дуруст қайд менамояд, ки рақобат бе шикасти монополия ба вуҷуд намеояд, бинобар, қадами нахустине, ки онро дар роҳи ташаккули муҳити рақобат бояд ниҳод – ин ғайриинҳисорӣ намудани иқтисодиёт ва муҳайё намудани шароити ташкилӣ барои рақобати боинсофонаву бовиҷдонона мебошад, зеро ташаккули муҳити рақобат яке аз арзишҳои иқтисоди бозорӣ ба шумор меравад (саҳ. 138). Таҳқиқот собит намуд, ки рақобат ва кудрати он дар вобастагӣ аз марҳилаи рушди соҳа тағйир меёбанд, аз ин рӯ стратегияҳои рақобатӣ низ фарқ мекунанд ва барои ба даст овардани бартариҳои рақобатӣ дар бозор бояд ҳама стратегияҳо бо маврид

истифода шаванд. Хусусияти асосӣ барои ин стратегияҳо бунёди арзиш ва фоиданокии иловагии ҳар як мол ва хидмати пешниҳодшуда буда, ҳадаф таъмини самаранокии фаъолият аз устувории рақобатӣ мебошад (саҳ. 140).

**Дар зербоби 3.2.** -и диссертатсия муаллиф дар он ақида мебошад, ки вусъатбахшии муҳити солими рақобат чун яке аз омилҳои калидии таъмини рушди устувори иқтисодӣ, инноватсионӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ маҳсуб меёбад. Заминаҳои назариявии фаҳмиши муҳити рақобат ва унсурҳои ташаккулдиҳандаи он таҳқиқ гардида, муайян карда шуд, ки рушди муҳити рақобат на танҳо тавассути озодии иқтисодӣ, балки бо роҳандозии сиёсати давлатии фаъол ва самаранок имконпазир мегардад. Муаллиф, тараққиёти минбаъдаи бомуваффақи бозори молҳои истеъмолиро дар фароҳам овардани шароити мусоиди объективонаи рақобатӣ байни субъектҳо ва дар дурнамо ба манфиатҳои иқтисоди миллӣ мухолифат накардани онҳо мебинад (саҳ. 142-143).

Дар ин замина, таҳқиқ собит намуд, ки самтҳои афзалиятноки баланд бардоштани рақобатпазирии бозори молҳои истеъмолии Тоҷикистон, яке аз масъалаҳои калидии илми иқтисод ва сиёсати давлатии рушди устувор ба ҳисоб меравconfigured, аз ҷумла: такмили сиёсати давлатӣ дар муносибат ба баланд бардоштани сатҳи рақобатнокӣ дар бозор, рушди муҳити рақобат, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот ва хизмат дар бозори молҳои истеъмолӣ (саҳ. 144, 148, 150).

Дар қисмати хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқ ҷамъбаст ва дар асоси онҳо тавсияҳои дахлдор ироа гардидаанд.

**7. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия**

Дар баробари муваффақиятҳо, дастоварду пешниҳодҳои дақиқи илмӣ, дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотиояндаи диссертант аз аҳамият холӣ нестанд:

1. Дар боби дуюми диссертатсия, зербоби 2.3. ҳангоми арзёбии ҷанбаҳои миқдории рақобат ва татбиқи моделҳои коррелятсионӣ-регрессионӣ, шарҳу тафсири иқтисодии зарибҳои регрессионӣ ва мувофиқати онҳо ба воқеияти бозори Тоҷикистон метавонист амиқтар баён гардад.

2. Дар зербоби 2.3. муаллиф модели татбиқи стратегияи дифференсиатсияи маҳсулотро дар бозори истеъмолӣ коркард ва тавсия намудааст, аммо хусусиятҳои иқтисодии модели мазкурро аз дигар моделҳои рақобатпазирӣ тавсиф нододааст.

3. Дар зербоби 3.2. ҳангоми пешниҳоди самтҳои афзалиятноки баланд бардоштани рақобатпазирии бозори молҳои истеъмолӣ, ба масъалаҳои рушди тиҷорати электронӣ ва платформаҳои рақамӣ дар шароити кунунии Тоҷикистон диққати нокифоя дода шудааст.

4. Муаллиф дар зербоби 3.2 самтҳои афзалиятноки баланд бардоштани рақобатпазирии бозори молҳои истеъмолиро таҳқиқ намудааст. Хуб мешуд дар зербоби мазкур сохтори бозори молҳои истеъмолиро аз ҷиҳати монополӣ таҳлил намуда ҳиссаи субъектони хоҷагидориро дар он муайян менамуд, то он ки ҳолати воқеии бозор арзёбӣ гардад.

5. Дар диссертатсия гузариш аз як зербоб ба зербоби дигар, яъне ҷамъбасти фикри муаллиф пурра нишон дода нашудааст.

Эродҳои зикршуда ба арзиши умумии илмӣ, назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ таъсири манфӣ намерасонанд ва хулосаҳои асосии муаллифро зери шубҳа намегузоранд.

**8. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмии дархостшаванда**

Чуноне, ки аз шиносоӣ бо муҳтавои асноду мадорик ва санадҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ Ҷамолиддинов Суҳроб Рустамҷонович бармеояд, тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш аз рӯйи ихтисоси 5.2.1. – Назарияи иқтисодӣ: б. 1.1. - Иқтисоди сиёсӣ: сохтор ва қонунияти рушди муносибатҳои иқтисодӣ; манфиатҳои иқтисодӣ; ташаккул ва амалкарди сохтору институтҳои иқтисодӣ; назарияи бахши хусусӣ дар иқтисодиёт; б. 1.2. - Назарияи микроиқтисод: назарияи талаботи истеъмолӣ; назарияи ташкили бозорҳо; назарияи рақобат ва танзими зиддиинҳисорӣ; 1.4. - Назарияи иқтисодии ниҳодӣ ва таҳаввулотӣ: назарияи таҳаввулотии пешравии иқтисодӣ, мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллифи диссертатсия ба тахассуси илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва талабот ба чунин намуди корҳо мувофиқат мекунанд. Ҳангоми тавсифи довталаб ба ҳайси корманди илмӣ сифатҳои шоистаи ӯро, чун донишомӯзӣ, қатъият, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, мустақилона қабул намудани қарорҳо ва муайян намудани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда, махсус бояд таъкид намуд.

**9. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Аз рӯйи мавзуи таҳқиқ 10 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

**10. Мутобиқати матни автореферат бо мазмуни диссертатсия**

Автореферат бо мазмуни диссертатсия мувофиқ мебошад. Он дар шакли фишурда, мундариҷаи асосӣ ва сохтори диссертатсияро инъикос намуда асоснокӣ, муҳим будан, навгонии таҳқиқ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва хулосаҳои асосии таҳқиқро пурра тавсиф менамояд. Автореферат ва корҳои нашршуда ба мазмун ва муҳтавои бобу фаслҳои рисола, маводи батабърасида (10 мақола, ки 7 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) чоп шудааст, мувофиқ мебошанд.

**11. Хулосаи умумӣ**

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии Ҷамолиддинов Суҳроб Рустамҷонович дар мавзуи «Асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳамияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан камтаҳқиқшуда, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи диссертатсияҳо аз рӯйи ихтисоси 5.2.1. – Назарияи иқтисодӣ: б. 1.1. - Иқтисоди сиёсӣ: сохтор ва қонунияти рушди муносибатҳои иқтисодӣ; манфиатҳои

иқтисодӣ; ташаккул ва амалкарди сохтору институтҳои иқтисодӣ; назарияи бахши хусусӣ дар иқтисодиёт; б. 1.2. - Назарияи микроиқтисод: назарияи талаботи истеъмолӣ; назарияи ташкили бозорҳо; назарияи рақобат ва танзими зиддиинҳисорӣ; 1.4. - Назарияи иқтисодии ниҳодӣ ва таҳаввулотӣ: назарияи таҳаввулотии пешравии иқтисодӣ ҷавобгӯй буда, муаллифи диссертатсия Ҷамолиддинов Суҳроб Рустамҷонович сазовори дарёфти дараҷаи илмии дархостнамудааш аз рӯйи ихтисоси 5.2.1. – Назарияи иқтисодӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисодӣ ва менеҷменти МД «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-и МД «Донишгоҳи байналмилалии соҳибкорӣ ва сайёҳии Тоҷикистон» муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (суратмаҷлиси №1 , аз 26 августи соли 2026).

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 12 нафар, аз он ҷумла бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 11 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва менеҷменти МД «ДБХ»-и МД «ДБССТ», доктор PhD, дотсент — Ғоибназаров Ғ.У.

**Ташхисгар:**
н.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва менеҷменти МД «ДБХ»-и МД «ДБССТ» — Ниёзов Ҷ.С.

**Лоиҳаи тақризро тайёр намуд:**
н.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва менеҷменти МД «ДБХ»-и МД «ДБССТ» — Самадова З.А.

Имзоҳои Ғоибназаров Ғ.У., Ниёзов Ҷ.С., Самадова З.А.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МД «ДБХ»-и МД «ДБССТ» — Юнусова О.М.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 735716, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 27, хонаи №1. Email: betesk_ips@mail.ru
Тел: (+992 37) 234 88 02 Факс: (+992 37) 234 88 02

«26» августи соли 2026